*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Қаюми Шаҳзода Тағо дар мавзӯи: «Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04. – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод карда шудааст.**

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2022–2026-ро «Солҳои рушди саноат» баробари се ҳадафи стратегии мамлакат - саноатикунонии босуръати кишвар эълон гардидани ҳадафи чоруми стратегӣ, ташаккул додани саноати рушдёфтаю рақобатпазир, таъмини зиндагии арзандаю шоистаи мардум заминаҳои мусоид фароҳам меорад. Барои амалӣ гаштани ин ҳадаф иҷро кардани як қатор вазифаҳо зарур шуморида мешавад, аз он ҷумла: вазифаҳои стратегии инкишофи иқтисодиёти кишвар ва рушди рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшудаи саноатӣ пайванди наздик дорад, аммо минтақаҳои кишвар аз рӯйи шароити табиӣ–иқлимӣ, мавҷудияти ашёи хом, захираҳои меҳнатӣ, дастрасии воситаҳои нақлиёт, сатҳи тахассусӣ ва тамаркузи иқтидорҳои саноатӣ аз якдигар ба куллӣ фарқ доранд. Чунин вазъ ба миқёс ва самаранокии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар таъсири назаррас мерасонад.

Диссертант Қаюми Шаҳзода Тағо дар кори илмии худ омӯзиши масъалаҳо доир ба муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи соҳибкории саноатии ракобатпазир дар рушди иқтисодиёти миллии кишвар ва минтақаҳои он; ҷудо намудани усулҳои асосии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон ва минтақаҳои он; омӯхтани хусусиятҳои дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир бо дарназардошти шароити иҷтимоӣ–иқтисодии рушди онҳо; таҳлили вазъи муосир ва тамоюли рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар шароити нави рушди иқтисодӣ миллӣ; ошкор намудани самтҳои афзалиятнок ва арзёбии тадбирҳои муассири дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон, хусусиятҳо ва вазифаҳои хоси онҳо; таҳқиқи самтҳои таъмини дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар шароити СУС; моделсозии шаклҳои афзалиятноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар;

омӯзиши усулҳои такмили механизми рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири воридотивазкунанда; муайян намудани роҳҳои такмили механизмҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон нақши асосиро мебозад хулосаҳои зарурӣ баровардааст.

У қайд намудааст, ки принсипи таҳқиқоти диссертатсионӣ муайянсозӣ, ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва методии такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон хусусияти хеле мураккаб дошта, зери таъсири маҷмӯи омилҳои зиёд қарор дорад. Ин ҷараён ба корхонаҳои саноатии рақобатпазире дахл дорад, ки маҳсулоти тайёри саноатии рақобатпазири ватаниро истеҳсол мекунанд, соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти миллиро ва аҳолиро бо молҳои тайёри саноатии рақобатпазири ватанӣ қонеъ карда, дар асоси таҳияи асосҳои назариявию методологии бозсозии сохтории саноати мамлакат бо истифода аз таҷрибаи хориҷӣ ва дастовардҳои илмию техникии муосир, дастовардҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ ва таҷрибаи амалии андӯхташудаи дигаргунсозии бозории саноат ва дар маҷмӯъ Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмин менамоянд.

Мусаллам аст, ки дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд набудани ҳалли системавии масъалаҳои афзоиши рақобатпазирии бахши соҳибкории саноатӣ, ки аз шартҳои зарурии рушди устувори иқтисоди миллӣ буда, аз муҳимтарин омили гузариш ба намунаи саноатӣ–аграрии рушди иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар мебошад.

Дар автореферати унвонҷӯ Қаюми Шаҳзода Тағо муаммоҳои муосири рушди соҳибкории саноатӣ дар иқтисоди миллӣ бо вазифаҳои созмондиҳӣ, рақобатпазирӣ, эҷодкорӣ ва навоварии он алоқаи наздик дорад. Вазифае, ки соҳибкор иҷро мекунад, табиати хоси соҳибкориро чун падидаи махсуси дорои ҷанбаи иқтисодӣ беҳтар кушода медиҳад. Пас, соҳибкориро метавон чун шакли махсуси фаъолияти инноватсионӣ муайян кард, ки асоси онро ҷустуҷӯи мунтазами имкониятҳои нав, самтгирӣ ба тарҳҳои инноватсионӣ, қобилияти ҷалб намудан ва самаранок истифода намудани захираҳои табиӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, инсонӣ ва ғайра бо мақсади таъмини рақобатпазирӣ ва дарёфти даромадро ташкил дода натиҷаҳои он роҳҳои ҳалли илман асосноккардашударо талаб мекунад.

Дар асоси ҷамъоварӣ ва таҳлилу баррассии маводҳои илмии зиёд ба муаллифи автореферат муяссар гардидааст ва ӯ дар тадқиқот оид ба хусусиятҳои хоси такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор додааст. Зарурати муайянсозии на танҳо татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар

корхонаҳои саноатӣ, балки ҳамоҳангсозии стратегияҳои ҳудудӣ ва корхонаҳои соҳибкории саноатии рӯй ба рақобатпазирӣ оварда бо назардошти омилҳои мусбат ва манфӣ нишон додааст, ки ба муносибатҳои иқтисодии дар раванди такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистонро дар бар мегирад, қарор дорад.

Новобаста аз мавҷуд будани арзиши баландӣ илмӣ, дар диссертатсия чунин норасоиҳо мушоҳида гардид:

1. Хуб мешуд агар дар таҳқиқот таҷрибаи давлатҳои хориҷаи наздик мавриди баррасӣ қарор гирифта, оид ба онҳо хулоса пешниҳод мегардид.

2. Агар таҳқиқот PEST (STEP) таҳлил гузаронида шуда дар асоси он пешниҳодҳои мушаххас дода мешуданд, арзиши илмии таҳқиқот боз ҳам баландтар мегардид.

Эродҳои номбурда хислати тавсиявӣ дошта, дар маҷмӯъ сатҳи баланди илмии диссертатсияро паст намекунанд. Маводҳои илмии нашршуда ва автореферати таҳия гардида, шаҳодат медиҳанд, ки мавзӯи таҳқиқоти хуб таҳқиқ гардида, диссертатсияро кори ба итмомрасида шуморидан мумкин аст. Ҳамаи инҳо ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ Қаюми Шаҳзода Тағо сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04. – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров",**
**д.и.и., профессор** **Алиджанов Д.А.**

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru

*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академикМ.С. Осимӣ*

*ТАҚРИЗ*

*ба автореферати диссертатсияи Қаюми Шаҳзода Таго дар мавзӯи: «Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04. – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод карда шудааст.*

Қайд намудан бамаврид аст, ки имрӯзҳо маҳз тавассути сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми шароитҳои зарурӣ барои рушди шаклҳои гуногуни соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон фароҳам оварда шудааст. Вазифаҳои стратегии инкишофи иқтисодиёти кишвар ва рушди рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшудаи саноатӣ пайванди наздик дорад, аммо минтақаҳои кишвар аз рӯйи шароити табиӣ–иқлимӣ, мавҷудияти ашёи хом, захираҳои меҳнатӣ, дастрасии воситаҳои нақлиёт, сатҳи тахассусӣ ва тамаркузи иқтидорҳои саноатӣ аз якдигар ба куллӣ фарқ доранд. Чунин вазъ ба миқёс ва самаранокии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар таъсири назаррас мерасонад. Дар ин иртибот, масоили асосноккунии самтҳои асосӣ ва афзалиятҳои рушди намудҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир ва дастгирии давлатии онҳо дар кишвар бо назардошти тавонмандии табиӣ–иқтисодӣ ва таъминнокии онҳо бо захираҳои меҳнатӣ ва дигар захираҳо аҳаммияти муҳим пайдо мекунад.

Унвонҷӯ Қаюми Шаҳзода Таго дар асоси таҳлили назариявӣ, хулосае асоснок кардааст, ки нуқтаи назари ягонаи олимони интихобшуда оид ба такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор додааст. Зарурати муайянсозии на танҳо татбиқи лоиҳаҳои

сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ, балки ҳамоҳангсозии стратегияҳои ҳудудӣ ва корхонаҳои соҳибкории саноатии рӯй ба рақобатпазирӣ оварда бо назардошти омилҳои мусбат ва манфӣ нишон дода шудааст, ки ба муносибатҳои иқтисодии дар раванди такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Қайд кардан лозим аст, ки барои таҳқиқоти мазкур ин асосноксозӣ ва таҳияи равиши ҳамаҷонибаи назариявӣ-методологӣ ва амалист, ки механизмҳои шаклгирӣ ва рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он вобаста ба такмилдиҳии механизми дастгирии давлатии он барои муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи соҳибкории саноатии рақобатпазир дар рушди иқтисодиёти миллии кишвар ва минтақаҳои он, инчунин, ҷудо намудани усулҳои асосии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон ва минтақаҳои он.

Аз нуқтаи назари муаллиф, омӯхтани хусусиятҳои дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир бо дарназардошти шароити иҷтимоӣ–иқтисодии рушди онҳо, самтҳои афзалиятнок ва арзёбии тадбирҳои муассири дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Точикистон, хусусиятҳо ва вазифаҳои хоси онҳо таъмин менамояд.

Аз таҳлилҳои муаллиф натиҷа баровардан мумкин аст, ки гипотеза (фарзия)-и тадқиқотии диссертатсияи мазкур аз фарзияи илмие иборат аст, ки маҳсулоти тайёри саноатии рақобатпазири ватаниро истеҳсол мекунанд, соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти миллиро ва аҳолиро бо молҳои тайёри саноатии рақобатпазири ватанӣ қонеъ карда, дар асоси таҳияи асосҳои назариявию методологии бозсозии сохтории саноати мамлакат бо истифода аз таҷрибаи хориҷӣ ва дастовардҳои илмию техникии муосир, дастовардҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ ва

таҷрибаи амалии андӯхташудаи дигаргунсозии бозории саноат ва дар маҷмӯъ Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмин менамоянд.

Бо назардошти ин таҳлилҳои гузаронида шуда ва ба итмом расонидани рисолаи номзадии Қаюми Шаҳзода, новобаста аз мавҷуд будани арзиши баландӣ илмӣ, дар диссертатсия чунин норасоиҳо мушоҳида гардид:

1. Хуб мешуд, агар дар кори диссератсионӣ саҳми олимони ватанӣ мушаххастар гардида хулоса пешниҳод мегардид

2. Кор бурд мекард агар муаллиф бо истифодаи таҳлили корреляитсионӣ ва регрессионӣ хулосабардорӣ намуда дар асосӣ он пешниҳод менамуданд.

Норасоиҳои мушоҳида гардида, дар маҷмӯъ сатҳи баланди илмии диссертатсияро паст намекунанд. Маводҳои илмии нашршуда ва автореферати таҳия гардида, шаҳодат медиҳанд, ки мавзӯи таҳқиқоти хуб таҳқиқ гардида, диссертатсияро кори ба итмомрасида шумоeридан мумкин аст. Ҳамаи инҳо ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ Қаюми Шаҳзода Тағо сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04. – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мебошад.

**Муқарриз**
**д.и.и., дотсент, декани факултети**
**молия ва баҳисобгирии МД "Донишкадаи**
**байналмилалии Хуҷанд"-и ДБССТ** **Шокиров Р.С.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, мкр-н 27, хонаи 1. Телефон: (+992) 92 7495275. E-mail: shokirovravshan@mail.ru

Имзои профессор **Шокиров Равшан Сиддикович** - ро тасдиқ менамоям:

Сармуттахасиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МД "Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд"-и ДБССТ Абдуҷалилов Ҳ.Ҷ.

Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10 )

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати дисертатсияи Қаюмӣ Шаҳзода Тағо дар мавзӯи "Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика)**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қадамҳои устувори хешро дар самти рушди иқтисодиёти устувор мегузорад, ва дар ин замина боз ҳам баланд бардоштани накши соҳибкории саноатии рақобатпазир дар иқтисодиёти мамлакат муҳим ва рӯзмарра мебошад. Барои баланд бардоштани накши соҳибкории саноатии рақобатпазир дар иқтисодиёти Тоҷикистон, зарурати такмилдиҳии дастгирии давлатии ин соҳа пеш меояд. Бинобар ин, мавзӯи рисолаи диссертатсионии тақризшавандаро, ки ба асосноккунии шароит, механизмҳои шаклгирӣ ва рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон ва минтақаҳои он бахшида шудааст, муҳиму рӯзмарра ҳисобидан мумкин аст.

Дар раванди тадқиқот унвонҷӯ доираи васеи осори илмии олимони иқтисоддони хориҷӣ ва ватаниро омӯхтааст, ки таҳлили онҳо бо истифода аз маводҳои зиёди оморӣ доир ба ҷумҳуриву минтақаҳои он муносибати ҷиддии ӯро ба проблемаи тадқиқшаванда нишон дода, асоснок будани хулосаю тавсияҳои пешниҳоднамудаи ӯро собит месозанд.

Дар автореферат равишҳои назариявӣ-методологии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир мушаххас карда шуда, нақш ва аҳамияти тақвияти дастгирии давлатии соҳибкории инноватсионӣ ошкор карда шудааст. Соҳибкории саноатии рақобатпазир чун маҷмуае аз тавонмандиҳои сохторҳои соҳибкории саноатӣ тавсиф карда шудааст, ки бо таваҷҷуҳ ба рушди қобилиятҳои инноватсионӣ, идоракунӣ, фаъолияти пешсафонаи маркетингӣ, мутобиқшавӣ ба шароитҳои гуногуни иқтисодӣ ва фаъолияти бурунмарзӣ, инчунин инкишофи сармояи инсонӣ дар сатҳи сифатан хуб ҳосил мешавад.

Муаллиф қайд менамод, ки рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ва дастрасӣ ба нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ бо ташаккул ва инкишофи бахши соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории саноатӣ, алоқаи зич дорад.

Зимни таҳлилҳо муаллиф ироз медорад, ки афзоиши ҷиддии нақши соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон муҳимтарин сарчашмаи стратегии таъминкунандаи рушди иқтисодиёти миллӣ ин ҳамкории самараноки мутақобилаи иқтисодӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии миллӣ мебошад. Муаллиф аниқ кардааст, ки амалисозии тадбирҳо доир ба дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар имкон дод, ки шумораи корхонаҳои саноатӣ дар ин минтақаҳои ҷумҳурӣ афзоиш ёбад.

Дар автореферат самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар мушаххас карда шуда, механизми инноватсионии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон, ки ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар шароити Созмони умумиҷаҳонии савдо кокард карда шудаанд.

Дар автореферат мавқеи махсусро моделсозии шаклҳои афзалиятноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии ракобатпазир ишғол менамояд. Ба ақидаи муаллиф рушди шаклҳои шарикии стратегӣ барои ширкатҳои ба содирот нигаронидашуда дар соҳибкории саноатӣ, ки дар шароити кунунӣ бо мушкилоти сифатан нави бесобиқаи буҳронӣ мувоҷеҳ шудаанд, махсусан муҳим аст.

Муаллиф қайд менамояд. ки дар ҷумҳурӣ то ҳол системаи ҷорӣ намудани баҳисобгирии омории фаъолияти субъектҳои соҳа ба таври кофӣ ташаккул наёфтааст. Барои баланд бардоштани сифати баҳисобгирии омории фаъолияти соҳибкории франчайзингӣ тавсияҳои илман асоснок пешниҳод карда мешавад. Барои ноил шудан ба рушди минбаъдаи соҳибкории франчайзингӣ муаллиф зарур мешуморад, ки заминаи қонунгузорӣ дар соҳаи танзими онро такмил дода, санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии нав таҳия ва қонунгузории амалкунанда ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ карда шаванд.

Ба фикри мо, дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, автореферати рисолаи диссертатсионии тақризшаванда дорои як қатор камбудию норасогиҳо мебошад, ки аз инҳо иборатанд:

1. Дар саҳифи 40, Ҷадвали 7. "Ҳаҷми сармоягузории соҳаи саноати сабук дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон" маълумотҳои омории соли 2015 истифода карда шудаанд, ки ҳолати имрӯзаи рушди соҳаро таҷассум наменамояд. Сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид, агар аз тарафи муаллиф чунин таҳлил аз рӯи маълумоти 5 соли охир ба роҳ монда мешуд.

2. Дар автореферат натиҷагирии рушди сармоягузорӣ аз рӯи «Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006–2015" ба роҳ монда шудааст. Дар баробари ин, сифати кор боз ҳам

хубтар мегардид агар муаллиф натиҷагирии рушди соҳаро аз рӯи «Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022, аз 29 марти соли 2019 қабул гардидааст, ба роҳ мемонд.

Бояд қайд намуд, ки камбудию норасогиҳои нишондодашуда арзишу аҳамияти рисолаи иҷронамудаи Қаюмӣ Шаҳзода Тағоро кам намекунанд.

Хулоса автореферати диссертатсияи Қаюмӣ Шаҳзода Тағо дар мавзуи «Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Қаюмӣ Шаҳзода Тағо сазовори дарёфти дараҷаи дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
**мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва**
**соҳибкории Тоҷикистон, д.и.и., дотсент** **Б.М. Ҷумъаев**

Суроға: Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Тел: (+992 37) 234-88-00

18.12.2024

Имзои Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназаровичро – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони «ДБССТ»-ро тасдиқ менамоям.

Мудири шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Ҷӯраев Ш.Н.

БА Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо - 10. Email:b_6d.коа-015@mail.ru Тел.: 93-544-33-44.

# ТАҚРИЗ

**ба авторефрати диссертатсияи Қаюмӣ Шаҳзода Тағо дар мавзуи "Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон", ки барои барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика), пешниҳод шудааст**

Аҳамияти илмӣ ва амалии мавзуи диссертатсияи Қаюмӣ Шаҳзода Тағоро хусусиятҳои хоси шароити муосир, ки нақши афзоишёбандаи соҳибкории истеҳсолиро ба унвони омили муҳимтарини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ифода мекунад, асоснок менамояд. Дар шароити ноустувории равандҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи афзоиши ташаннуҷҳои геополитикӣ, мушкилоти технологӣ, тағйири занҷирҳои муқарраршудаи таъминот, додани шакли рафтори истеъмолкунандагон ва шаклҳои рақобат байни ширкатҳо ба вуҷуд омадаанд, баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ яке аз масъалаҳои марказӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳалли он ҷиҳати ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ нақши муҳим дорад. Сиёсати воридотивазкуние, ки дар Тоҷикистон амалӣ карда мешавад, корхонаҳои саноатиро ба навсозӣ ва аз нав муҷаҳҳазсозии техникии истеҳсолот, густариши фаъолияти инноватсионӣ, коркарди технологияҳои нав, васеъ намудани навъ ва беҳтар намудани сифати маҳсулоти истеҳсолшуда ҳамчун омили асосии таъмини рақобатпазирӣ, водор месозад. Ошноӣ бо муҳтавои автореферати кори диссертатсиони Қаюмӣ Шаҳзода Тағо нишон дод, ки муаммоҳои мазкур ба сифати мушкилоти меҳварии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон ба риштаи баҳс кашида шудааст.

Фарзияи кори илмии барасишавандаро мулоҳизаҳои муаллиф вобаста ба мураккаб будани раванди идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити муосир заминагузорӣ кардаанд. Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон хусусияти хеле мураккаб дошта, зери таъсири маҷмӯи омилҳои зиёд қарор дорад. Ин ҷараён ба корхонаҳои саноатии рақобатпазире дахл

дорад, ки маҳсулоти тайёри саноатии рақобатпазири ватаниро истеҳсол мекунанд, соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти миллиро ва аҳолиро бо молҳои тайёри саноатии рақобатпазири ватанӣ қонеъ карда, дар асоси таҳияи асосҳои назариявию методологии бозсозии сохтории саноати мамлакат бо истифода аз таҷрибаи хориҷӣ ва дастовардҳои илмию техникии муосир, дастовардҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ ва таҷрибаи амалии андӯхташудаи дигаргунсозии бозории саноат ва дар маҷмӯъ Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмин менамоянд.

Муаллиф соҳибкории саноатии рақобатпазирро чун маҷмуае аз тавонмандиҳои сохторҳои соҳибкории саноатӣ таъриф менамояд, ки бо таваҷҷуҳ ба рушди қобилиятҳои инноватсионӣ, идоракунӣ, фаъолияти пешсафонаи (первентивии) маркетингӣ, мутобиқшавӣ ба шароитҳои гуногуни иқтисодӣ ва фаъолияти бурунмарзӣ, инчунин инкишофи сармояи инсонӣ дар сатҳи сифатан хуб ҳосил мешавад. Таъриф мазкур ба таври объективӣ хусусиятҳои хос ва табиати фаъолияти соҳибкориро дар шароити муосир инъикос менамояд.

Мутолиаи автореферат нишон дод, ки муаллиф аз усулҳои оморӣ ва риёзии таҳлил ва натиҷагирӣ равандҳои иқтисодӣ огоҳии комил дорад. Дар диссертатсия моделсозии шаклҳои афзалиятноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он анҷом дода шудааст, ки вазни қиёсии омилҳои таъсиргузори инкишофи онҳоро (тағйирёбандаҳои мустақил), аз қабили фаъолияти самараноки инноватсионӣ, озодии фаъолияти соҳибкорӣ, баробарии субъектҳои соҳибкорӣ, дахлнопазирии моликияти хусусӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва рақобати одилона бо таваҷҷуҳ ба радабандии тағйирёбандаҳои вобаста аз дастгириҳои қарзию молиявӣ, дастгириҳои инфрасохторӣ, дастгириҳои омӯзишӣ ва техникӣ, дастгирӣ дар самти таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибавӣ ва дастгириҳои машваратию маркетингӣ мушаххас менамояд.

Мо бо ақидаи муллиф дар боботи он, ки такмили механизми идоракунии ҳамкориҳои байналмилалии соҳибкории саноатии рақобатпазири хурду миёна андешидани чораҳои ҳадафманди таъсиррасониро ба таъмини рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ дар асоси инкишофи инфрасохтори ҳамгироии байналмилалӣ бо таваҷҷуҳ ба истифодаи самараноки воситаҳо ва абзорҳои дастгирии давлатӣ тақозо менамояд, комилан муофиқ ҳастем. Роҳи наздиктарини расидан ба ҳадафҳои мазкур ин инкишофи инфрасохтори ҳамкориҳои байналмилалӣ ба шумор меравад, ки ба афзалиятҳои рақобатии ширкатҳои ватанӣ мусоидат хоҳад кард.

Албатта, бо таваҷҷуҳ ба автореферат, дар диссертатсия баъзе норасоиҳо низ мушоҳида мешаванд. Чунончӣ, муаллиф ба масоили инкишофи ҳамгироии минтақавии (Ҷануб, Ҷанубу Шарқӣ, Шимол) сохторҳои соҳибкории кишвар камтар аҳамият додааст. Аммо ин норасоӣ ва дигар норасоиҳои мавҷуд аҳамият ва натиҷаҳои илмии кори диссертатсиониро коста намегардонад.

Ҳамин тавр, бо дилпурӣ метавон гуфт, ки диссертатсияи Қаюмӣ Шаҳзода Таға дар мавзуи "Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон", ки барои барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика), пешниҳод шудааст, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
муовини якум, муовини ректор оид
ба таълими ДДХ ба номи М. Назаршоев Ғоибназарзода С. М.

**Суроға:** Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, х. Ш.Шоҳтемур-109.
телефон: (+992) 988204545, E-mail: ssssaid1985@mail.ru

Имзои д. и. и., муовини якум, муовини ректор оид ба таълими ДДХ ба номи М. Назаршоев С.М.Ғоибназарзодаро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси ДДХ ба номи
Моёншо Назаршоев Саидраҳмонов Н.С.

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсия Қаюмӣ Шаҳзода Тағо дар мавзӯи “Такмидиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01- Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод карда шудааст**

Дар раванди рушди босуботи иқтисодиёти Тоҷикистон ва ҳамгироии рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ, арзёбии рақобатҳои шадид ҷиҳати дастрасӣ ба захираҳои ашёи хом, воридот, васлу насби технологияҳои инноватсионӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва баробарарзиш ба брендҳои ҷаҳонӣ аз мушкилоти асосии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар ба шумор рафта, татбиқи ҳадафи чорум дар маркази таваҷҷуҳи сиёсати иқтисодиву иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мегирад.

Аз арзёбии таҳқиқотҳои ба анҷом расонида шуда бар меояд, ки бе дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир рушди босуръати истеҳсолоти саноатиро дар иқтисодиёти миллии кишвар дар марҳилаи муосири рушди иқтисодию иҷтимоӣ таъмин намудан хело мушкил аст. Бояд қайд намуд, ки дар ин раванд таъмини рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир яке аз бахшҳои таъсиррасон ба инноватсия ва диверсификатсияи саноат дар иқтисодиёти миллӣ зарур дониста шуда, яке аз вазифаҳои муҳим дар рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон рушди дигар соҳаҳои иқтисоди миллиро дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ таъмин намуда, ҳиссаи асосӣ ва нақши калидиро мебозад. Мутаасифона на ҳама ҷабҳаҳои назариявӣ, илмию методологӣ ва амалии ҳалли ин масоили барои Тоҷикистон муҳим ба пуррагӣ омухта шудааст ва пешбурди таҳқиқоти алоҳидаро тақозо менамояд.

Аз ҳамин лиҳоз асосноккунии шароит, механизмҳои шаклгирӣ ва рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он вобаста ба такмилдиҳии механизми дастгирии давлатии дониста шуда, мавзӯи таҳқиқшаванда муҳим ва актуалӣ ҳисобида мешавад.

Дар асоси омузиши автореферати диссертатсия муайян намудем, ки муаллиф дар раванди иҷрои он аз асарҳои илмии олимони хориҷии дуру наздик ва ватанӣ сарчашма гирифта фаровон истифода бурдааст. Бо назардошти ин дар диссертатсия ба раванди муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи соҳибкории саноатии рақобатпазир дар рушди иқтисодиёти миллии кишвар ва минтақаҳои он, ҷудо намудани усулҳои асосии дастгирии

давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон ва минтақаҳои он диққати махсус дода шудааст.

Масъалаи таҳқиқи хусусиятҳои дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир бо дарназардошти шароити иҷтимоӣ–иқтисодии рушд дар диссертатсия ҷойи асосиро ишғол намуда, дар асоси маълумотҳои зарурӣ таҳлили вазъи муосир ва тамоюли рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар шароити нави рушди иқтисоди миллӣ гузаронида шудааст.

Аз баррасии автореферат бар меоянд, ки муаллиф ба ошкор намудани самтҳои афзалиятнок ва арзёбии тадбирҳои муассири дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон, хусусиятҳо ва вазифаҳои хоси онҳо диққати махсус дода, инчунин, таҳқиқи самтҳои таъмини дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар шароити аъзо будани кишвар ба Созмони умумиҷаҳонии савдо хело хуб ба анҷом расонидааст.

Барои расидан ба мақсаду вазифаҳои гузошташуда аз моделсозии шаклҳои афзалиятноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон самаранок истифода намудааст.

Дар раванди таҳқиқот омӯзиши усулҳои такмили механизми рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири воридотивазкунанда дар асоси истифодаи имкониятҳои рушди соҳибкории франчайзингӣ гузаронида шуда, роҳҳои такмили механизмҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазирро дар ҶумҳурииТоҷикистон дар раванди амали намудани самтҳои мухталифи “ СМТ-2030” ба анҷом расонидааст.

Новобаста ба бартариятҳо автореферат аз камбудӣ холӣ намебошад.

1. Дар адабиёти муосири илмӣ нисбати равишҳои назариявӣ-методологии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир, дар асоси таъсиси марказҳо ва минтақаҳои рушди саноат дар сохторҳои ҳудуди иқтисоди миллӣ ва муносибати бо дигар шаклҳои моликият фикру ақидаҳои зиёде мавҷуд мебошанд. Мутаасифона ҳангоми таҳқиқ ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ ва тамоюлҳои минбаъдаи он аз назари муаллиф каме дур мондааст.
2. Дар диссертатсия авсияҳои амалӣ ҷиҳати дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир ва алоқа бо афзалиятноки фаъолияти илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ асоснок ва баҳо дода нашудааст.

Эродҳои овардашуда моҳият ва мазмуни диссертатсияи иҷрогардидаро маҳдуд наменамояд. Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмуни мундариҷаи асосии диссертатсияро дар бар мегиранд.

Аз таҳлили автореферат бар меояд, ки диссертатсия ба бандҳои Шиносномаи тахассусҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01–Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пурра мутобиқат менамояд.

Дар маҷмӯ кори диссертатсионии тақризшаванда анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии худ ҷавобгӯ ба талаботи мукарраргардидаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он Қаюмӣ Шаҳзода Тағо дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01- Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дода шавад.

**Тақриздиҳанда,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**профессори кафедраи фаъолияти**
**гумруки ДДТТ** **Раҷабов Раҷаб Кӯчакович**

**Суроғаи донишгоҳ:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, Телефон: +992(37) 234-83-46 , +992(37) 234-85-46, (+992)934444107 (м.). E-mail: drrajab@mail.ru, www: www.tguk.tj.

Имзои д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**

**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10. E-mail:b_6d.koa-015@mail.ru Тел.: 93-544-33-44.**

# ТАҚРИЗ

**ба авторефрати диссертатсияи Қаюмӣ Шаҳзода Тағо дар мавзуи "Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон" барои барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика)**

Рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир яке аз роҳи асосии таъмини талаботҳои рузафзуни иқтисодиёти бозорӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин таъкид мешавад, ки дар раванди рушди босуръати саноати кишвар бунёди корхонаҳои саноатии рақобатпазир ва таъсиси ҷойҳои кории нав корҳои назаррас кардан муҳим аст. Муҳимияти кори диссертатсионии Қаюмӣ Шаҳзода Тағо дар он аст, ки ба таҳқиқи ҳамин масъалаи мувофиқи талаботи рӯз бахшида шудааст.

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки муаллиф роҳҳои такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазирро дар Тоҷикистон ҷустуҷӯй намуда ва пешиҳоду тавсияҳои амалии илман асоснокро коркард кардааст. Вобаста ба талаботҳои иқтисодиёти бозории муосири мамлакат дар таъмини рушди босуръати саноати мамлакат бисёр соҳибкорони саноатӣ ба дастгирии давлат бисёр эҳтиёҷманд мебошанд. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки бо рушд ёфтани муносибатҳои бозаргони талабот ба дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир кам мешавад ва дар бисёр ҳолатҳо эҳтиёҷмандӣ намемонад.

Муаллиф дар кори диссертатсионӣ дуруст қайд мекунад, ки дар аксари кишварҳо навоварӣ ва фаъолияти рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар марҳилаҳои аввали коркуниашон бе дастгирии давлатӣ натиҷаҳои дилхоҳро ба даст оварда наметавонанд. Бо назардошти ин масъалаи муҳим дар кори диссертатсионӣ методологияи дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир бо асосноккуниҳои илмӣ хеле дуруст равшан карда шудаанд.

Ба андешаи мо натиҷаҳои кори таҳқиқоти диссертатсионии диссертант, аз ҷумла хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия метавонанд аз тарафи мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҳангоми

таҳия ва амалисозии барномаи рушд ва дастгирии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар мавриди истифода қарор гиранд. Нуктаҳои алоҳидаи кори диссертатсонӣ метавонанд аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи барномаҳои стратегии рушди фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазири мамлакат истифода карда шаванд.

Дар баробари муваффақиятҳои кори диссертатсионӣ, ки аз автореферат дида мешаванд, агар муаллиф дар кор ба масъалаи фаъолияти берунаи корхонаҳои соҳибкориии саноатии рақобатпазири мамлакат бештар диққат медоданд, фаъолияти рақобатпазирии онҳо боз ҳам равшан мегардид.

Вале ин камбудӣ аҳамияти илмиву амалии кори диссертатсионии муаллифро кам намекунад.

Диссертатсияи Қаюмӣ Шаҳзода Тағо дар мавзуи "Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон" кори илмии мустақилона ба анҷом расонидаи муаллиф аст, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенгти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи докторӣ мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, профессори кафедраи**
**таҳлили иқтисодӣ ва аудити ДМТ** **Қурбонов А.К.**

Имзои Қурбонов Абдулҳай Каримович-ро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
06.01.2025

Суроғаи Донишгоҳ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17. Саҳифаи интернетӣ: www.tnu.tj. Телефон: (+992-37) 221-77-11. Факс (+992-37) 221-48-84. E-mail: tgnu@mail.tj. tnu.int.re@gmail.com

**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо - 10. Email:b_6d.коа-015@mail.ru Тел.: 93-544-33-44.**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қаюмӣ Шаҳзода Таға дар мавзӯи “Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон”, ки барои барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст**

Дар шароити тадриҷан афзоиш ёфтани хавфу таҳдидҳои замони муосир дастгирии давлатии рушди соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории истеҳсолӣ барои рушди устувори иқтисоди миллӣ накши муҳим дорад. Саноатикунонии босуръати мамлакат ва ташаккулдиҳии саноати рақобатпазир имкон медиҳад, ки дар бозори истеъмолии мамлакат воридоти молҳо кам шуда, ҳиссаи молҳои содиротии мамлакат баланд гардад. Аз автореферати диссертатсияи Қаюмӣ Шаҳзода Таға дида мешавад, ки таҳқиқоти муаллиф ба ҳамин масъалаи муҳим бахшида шудааст.

Таҳлилу арзёбии автореферати кори диссертатсионӣ нишон медиҳад, ки дар диссертатсия ба масъалаҳои таъмини рушди рақобатпазирии фаъолияти соҳибкории саноатӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шудааст. Инро муаллиф бо он асоснок менамояд, ки корхонаҳои соҳибкории саноатии хурду миёна дорои иқтидори муайяни рақобатпазирӣ мебошанд. Бисёр бозорҳоро асосан онҳо намояндагӣ мекунанд ва дар ин бозорҳо шароитҳои мусоид барои рушди тиҷорати хурд ва миёнаи корхонаҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир фароҳам карда шудаанд.

Афзалияти муҳими кори диссертатсионии Қаюмӣ Шаҳзода Таѓо дар он ифода меёбад, ки муаллиф тавонистааст механизми иқтисодии такмилдиҳии идоракунии соҳибкории саноатии рақобатпазирро бо роҳҳои имконпазири дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатӣ дар асоси мушаххас намудани вазифаҳои муайяни мақомоти марказӣ ва минтақавии идоракунандаи ин раванд асоснок намояд. Диссертант имконияти рушди босуботи корхонаҳои соҳибкории саноатии рақобатпазирро дар заминаи кафолати таъмини фазои озодӣ рақобатӣ, сармоягузорӣ, ҷалби кадрҳои воқеан мутахассис, ворид намудани фановариҳои нав, ҳамгирой, кластерикунонӣ, мудирияти корпоративӣ ва инчунин истифодаи самарабахши шарикии давлат ва бахши хусусӣ асоснок намудааст.

Ҳамчунин, дар автореферати диссертатсия муаллиф имкониятҳои рушди соҳибкории саноатии франчайзингиро дар Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба пешниҳоди роҳу усулҳои татбиқи он дар бахшҳои мухталифи саноати кишвар муайян намудааст. Ҳамин тавр, аз æониби муаллифи диссертатсия масъалаҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои соҳибкории саноати ватанӣ дар асоси истифодаи самараноки фановариҳои нав, брендҳои машҳур, менеҷменти пешрафта, бенчмаркетинг, тамғаи молӣ ва имиджи ширкатҳои пешрафта таҳқиқ шуда, имкрниятҳои амалисозии онҳо пешниҳод гардидаанд.

Таҳлили автореферати пешниҳодшула нишон медиҳад, ки дар баробари дастоварду муваффақиятҳои кори диссертатсионӣ бархе аз масъалаву пешниҳодҳое мавæуданд, ки ба ғанигардидани мазмун ва боз ҳам баланд бардоштани сатҳи диссертатсия мусоидат хоҳад намуд.

Масалан, дар асоси автореферати диссертатсия, агар аз такмилдиҳии дастгирии давлатӣ дар рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир натиҷагириҳо боз ҳам мушаххас нишон дода мешуданд, кор хеле бурд менамуд.

Инчунин, дар асоси автореферати тақризшаванда метавон пешниҳод намуд, ки баррасии ҳамаҷонибаи ислоҳотҳои дар мамлакат амалишуда, аз ҷумла чараёни амалисозии Барномаи дастгирии давлатии

соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, баррасиву ҳалли масъалаҳои соҳибкорону сармоягузорон дар заминаи қарорҳои ҷаласаҳои ҳамасолаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, мораторияҳо ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ таҳлилу натиҷагирӣ мегардиданд, барои болоравии сифати кори диссертатсионӣ хизмат менамуд.

Вале ин пешниҳодҳо арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияи иҷро шударо паст намекунад.

Дар маҷмӯъ, ба андешаи мо, диссертатсияи Қаюмӣ Шаҳзода Тағо дар мавзуи "Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон" кори мустақилона ба анҷом расонидаи муаллиф мебошад, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) сазовор мебошад.

Муқарриз,

доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в.профессори
кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди
миллии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷистон Муқаддасзода Ф.М.

Имзои д.и.и., дотсент Муқаддасзода Ф.М.- ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З.